**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филологияи (6D020502– Забони тоҷикӣ) пешниҳод мегардад.**

Омӯхтану аз нигоҳи вижагиҳои забонӣ мавриди баррасӣ қарор додани ибора-исмҳои хоси осори бадеӣ дар айни ҳол хеле муфидовар буда, бо ин роҳ дараҷаи корбурди ҷойномҳо, номи ашхос ва дигар навъи марбути исмҳои хоси дар шакли ибора ифодаёфтаро дар офаридани манзара ва тасвири ҳодисаи таърихию бадеӣ муайян кардан мумкин аст. Аз сӯйи дигар, омӯзиши номҳо, ҳамчун категорияи махсуси забоншиносӣ ба категорияи илми мантиқ – мафҳум иртиботи қавӣ пайдо карда, дар як вақт аз он бо баъзе вижагиҳо тафовути куллӣ доранд. Аз ин ҷост, ки оид ба санъати номгузорӣ ё ба истилоҳи байналмилалӣ ономастика бар мабнои осори таърихию ҷуғрофӣ корҳои муҳимму бунёдӣ анҷом пазируфта бошад ҳам, паҳлуҳои гуногуни он ҳанӯз ба таҳқиқи ҷиддии илмӣ ниёз доранд. Кори диссертатсионии Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» ҷиҳати пурра кардани ҳамон ҷойи холӣ дар номшиносии муосири тоҷикӣ мусоидат мекунад.

Мувофиқи маълумоти фишурда аён аст, ки диссертатсияи номбурда ба баррасии вижагиҳои луғавӣ ва сарфии маводи ономастикии «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ бахшида шуда, ба воситаи он мавқеи забони адабии тоҷикӣ дар ин давр то андозае муайян карда шудааст. Ҷолибияти мавзуи баррасишаванда дар он аст, ки дар диссертатсия нахустин бор маводи ономастикии асари таърихии «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ аз нигоҳи луғавӣ ва сохторӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки хеле ҷолиб аст.

Навоварии диссертатсия дар он таҷассум меёбад, ки бори нахуст маводи ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ мавриди пажуҳиш ва баррасии таърихию забоншиносӣ қарор гирифта, натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи қабати ономастикаи асар дар 6 банд оварда мешавад, ки дар рушду таҳаввули забоншиносии тоҷик таъсири мусбат мерасонад.

Дар **муқаддима** муҳаққиқ бо назардошти меъёрҳои муқарраргардида диссертатсияро муаррифӣ намуда, мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, ки кор дар заминаи онҳо иҷро гардидааст, баён менамояд. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ муҳаққиқ вазифа, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологӣ сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои илмӣ ва асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати

мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ҳангоми таҳқиқ, тасвиби амалии таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ мавзуи диссертатсияро асоснок намуда, сохтори онро муайян намудааст.

**Боби якум** бо номи «Таърихи Бухоро» ва омӯзиши назариявии ономастикаи он» ёд мешавад ва фарогири ду фасл аст. Дар зерфасли аввали ин боб нусхаи «Таърихи Бухоро» ва тарҷумаи онҳо, ки барои диссертант ҳамчун сарчашмаи асосии таҳқиқ хидмат мекунад, ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, матни интиқодӣ ва боэътимоди ин асари таърихӣ муқаррар шудааст. Муаллифи диссертатсия дар кадом китобхонаи ҷаҳонӣ маҳфуз будани онҳоро нишон медиҳад.

«Таҳлили луғавӣ-маъноӣ ва сохтории топонимия ва антропонимияи «Таърихи Бухоро»» ном дорад **боби дуюми** диссертатсия ва фарогири 8 фасл буда, ба номгӯйи боб ин фаслҳо пайванди занҷирӣ доранд.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои луғавӣ-маъноии қабати номҳои омехта дар «Таърихи Бухоро»» ном дошта, аз чор фаслу чор зерфасл иборат аст.

Дар **хулоса**и диссертатсия натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ дар 20 банд ҷамъбаст гардида, ҷамъбасти хулосаҳои таҳқиқ низ пешкаш ва барои истифодаи амалии натиҷаҳои он тавсияҳо дода мешавад.

Хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 1 монография ва 8 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти ҶТ ва 4 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд.

Дар баробари ин дар автореферати диссертатсия чанд носаҳеҳиву норасоӣ ва камбудиву ғалатҳо ба назар мерасанд, ки чанде аз онҳоро барои беҳбудии муҳтавои диссертатсия пешниҳод менамоем:

1. Бахшҳои “Мубрамии мавзуи таҳқиқ” ва “Қисмати навгонии рисола” ташреҳи муфассалтарро тақозо доранд. Хуб мешуд, ҳангоми нашри монография ба ҳамин чизҳо таваҷҷуҳ карда мешуд.
2. Дар диссертатсия ва фишурдаи он ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо ислоҳ мехоҳанд.

Эродҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳшаванда буда, диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» таҳқиқи анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502– Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқарриз:** Маҷитова Сабоҳат Ҷамиловна – доктори фалсафа доир ба илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи ДДС ба номи Ш.Рашидов

Суроға: 140131, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
Ш. Самарқанд, кӯчаи Гагарин, 38.
Тел: (+998) 91 535-44-49. E-mail: majitovasabohat82@gmail.com

имзои дотсент С.Ҷ.Маҷитоваро
тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси
ДДС ба номи Ш.Рашидов И.Бӯриев

Маълумот барои тамос:
Суроға: 140105,
Ш. Самарқанд, хиёбони Донишгоҳ, 15
ДДС ба номи Ш.Рашидов. « 14 » марти соли 2025